СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

"ТАСДИҚ ШУДААСТ"
Бо қарори Раёсати
Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии
«СПИД Фонд Ғарбу Шарқ – Тоҷикистон»
Суратҷаласа тахти № 04 аз 26 июни соли 2014

# НАҚШАИ ДУРНОМАВИИ
Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Ғарбу Шарқ – Тоҷикистон»
барои солҳои 2014-2016

## I. Замина

Намояндагии ташкилоти башардӯстонаи ҳолландии «СПИД Фонд Восток-Запад» / (*AFEW*) фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 оғоз намуд.

Аз он вақт инҷониб, *AFEW* дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар дар соҳаи тандурустӣ кор мекунанд, 14-то лоиҳаи пешгирикунанда, ки ба пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ, тарғиботи тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи саломатии инсон равона шудаанд, амалӣ намудааст.

Дар аввали соли 2013, аз ҷониби Сарраёсати Фонди Stitching AIDS Foundation East-West/(*AFEW*) қарор оид ба азнавташкилдиҳии ташкилот ва таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар асоси шӯъбаҳо ва  намояндагиҳои мавҷуд буда қабул карда шуд.  30 сентябри соли 2013 дар шаҳри Амстердам вохӯрии роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятии навтаъсисёфтаи *AFEW* барпо гардид. Дар натиҷаи музокирот аз ҷониби тарафҳо Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар доираи шабакаи Байналмиллалии *AFEW* («*AFEW* network») ба имзо расид. Ташкилотҳои ҷамъиятии *AFEW* Нидерландия, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Украина аъзоёни шабака гардиданд. Созишнома оид ба ҳамкорӣ ба мубодилаи таҷриба ва иттилоот бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ мусоидат намуда, ба рушди ташкилии иштирокчиёни Шабака омилҳои иловагӣ медиҳад.

## II. Муққадима

Нақшаи дурномавии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» (СФШҒ) ҳуҷҷате мебошад, ки:
   * мақсадҳои стратегӣ,
   * самти рушди стратегӣ,
   * сиёсатро
дар бар мегирад.

Мақсади коркарди нақшаи дурномавии мазкур дар муайян намудани:
   * афзалиятнокии фаъолиятҳои гуногун,
   * соҳаи фаъолияти ташкилот мебошад.

Дар системаи тандурустии Тоҷикистон имрӯз як қатор тағйиротҳои мураккаб вобаста ба дигаргунии системаи тандурустӣ, ки механизмҳои гуногуни идоракунӣ, маблағгузорӣ ва фаъолиятро дар бар мегирад, гузаронида шуда истодааст. Айни замон

дар Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ маблағгузори асосӣ ва таъминкунандаи хизматрасонӣ давлат мебошад.
Барои ҳамкории мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ тағйиротҳо вобаста ба муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ ва таъсиси Вазорати тандурустӣ ва Ҳифзи Иҷтимоии Аҳолии ҶТ имкониятҳои навро медиҳад.
Дар Тоҷикистон дар асоси андозҳо системаи маблағгузории ҳатмӣ дар соҳаи тандурустӣ амал мекунад, вале сарчашмаи асосии даромад дар системаи тандурустӣ пардохти хизматрасонӣ аз ҳисоби беморон мебошад. Табақаи осебпазири аҳолӣ аксаран ба хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ ва маълумот дастрас шуда наметавонанд.
Кӯмаки байналмиллалӣ барои рушди тандурустӣ манбаи сеюм ва муҳимтарини маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ мебошад. Чунин вазъиятро ба назар гирифта Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар доираи вазифаҳои худ фаъолияти хеле муҳим мешуморад, ки саҳми худро дар мусоидат ба татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии барномаҳои миллӣ оид ба тандурустӣ гузорад:

- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил»;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният»;
- Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди саломатии аҳолӣ барои солҳои 2010 – 2020;
- Барномаи оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО / БПНМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015;
- Барномаи миллӣ оид ба мубориза бар зидди бемории сил барои солҳои 2010-201;
- Мақсадҳои рушди ҳазорсола (вазифаи 6).

Тадқиқотҳои гуногун нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди гузаронидани корҳои зиёд аз ҷониби донорҳои гуногун дар соҳаи пешгирии ВНМО, бемориҳои сироятии тавассути алоқаи ҷинсӣ, сил ва гепатитҳо, мушкилотҳо ҳам дар байни аҳолии умумӣ, ҳам дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ рӯзмарра мебошанд ва бинобар ин фаъолияти Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар ин соҳа зарур мебошад.
Мувофиқи ҳисобот оиди Қонунгузорӣ ва сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи амаликунии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони маводи мухаддир оиди ҳифзи саломатӣ ва дастгирии иҷтимоӣ (Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013) дар соли 2013 сатҳи бемории нашъамандӣ хеле баланд буда, 8,3 ба 100 ҳазор аҳолиро ташкил медиҳад. Ҳодисаҳои зиёди истеъмоли маводи мухаддирро героин 79,4% бо афзоиши шумораи шахсоне, ки якчанд намуди маводи нашъадорро истифода мебаранд (полинаркомания- 5,2%) ташкил медиҳад. Дар соли 2013 876 ҳодисаҳои нави ВНМО, ки аз он 28% истифодабарандагони маводи мухаддири тазриқӣ мебошанд, ба қайд гирифта шудааст.
Тамоюли зиёдшавии шумораи кормандони шаҳвонӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷоришуда буда, ба зиёдшавии оқибатҳо ба саломатӣ вобаста ба рафтори хатарноки ҷинсӣ меоварад. Мувофиқи маълумоти тадқиқот 50% онҳо то синни 20 сола мебошанд, ва 60% онҳо наметавонанд ақаллан яке аз бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ сироятшавандаро номбар кунанд. Тибқи тадқиқоти APMG (AIDS Project Management Group) бо дастгирии БРСММ дар соли 2009 шумораи тахминии кормандони шаҳвонӣ аз 10000 то 15000 ташкил медиҳад.
Мувофиқи маълумоти тадқиқоди дигари "Тадқиқоти тиббию демографӣ дар Тоҷикистон (соли 2012, USAID)», танҳо аз се як ҳиссаи занони синни 15-49 сола дар Тоҷикистон медонанд, ки истифодаи рифола ва алоқаи ҷинсӣ бо як шарик хатари сирояти ВНМО-ро паст мекунад. Дар бораи пешгирии ВНМО маълумот дар байни занони ВМКБ (44%) аз ҳама баланд буда, дар байни занҳои Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

(НТҶ) (26%) паст мебошад. Танҳо 5% занони синни 15-49 сола дар Тоҷикистон аз ташхиси ВНМО гузаштаанд (тибқи ТТДТ, 2012) ва натиҷаи ташхисро медонанд. Аз ташхиси ВНМО бештар занон дар Душанбе (8%) мегузаранд ва камтари онҳо дар НТҶ ва вилояти Хатлон (3%). Танҳо 11 % занони синни 15-49 сола дар бораи ВНМО/БПНМ маълумоти мукаммал доранд. Маълумотҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки тамғазанӣ нисбати одамони бо ВНМО зиндагикунанда дар байни заноне, ки дар бораи ВНМО шунидаанд зиёд мебошад (масалан, танҳо аз чор як ҳиссаи занон ба харидани сабзавоти тару тоза аз фурӯшандаи мубталои ВНМО розигӣ изҳор намуданд). Начандон зиёди заноне (42%), ки оиди ВНМО шунида буданд, гуфтанд, ки онҳо розӣ ҳастанд дар хона хеши худро, ки мубталои ВНМО мебошанд, нигоҳубин намоянд. Танҳо 15 % занони синни 15-49 сола як маротиба за ташхиси ВНМО гузаштаанд. Танҳо 31% занон медонанд, ки дар куҷо метавонанд аз ташхиси ВНМО гузаранд ва танҳо 15% як маротиба за ташхиси ВНМО гузаштаанд. Пеш аз 12 моҳи гузаронидани тадқиқот ҳар як бистӯм зан аз ташхис гузашта буд ва натиҷаи онро медонад. 40% занон бо нишонаҳои бемориҳои таввасути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда ба маслиҳатхона ё табобат муроҷиат накардаанд, ва дар баробари ин 39% занҳо барои маслиҳат ё табобат ба дармонгоҳ, беморхона, духтури хусусӣ ё мутахассиси тиббии дигар муроҷиат намудаанд.

Ҳуқуқҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занон низ рӯзмарра мебошанд - каме бештар аз нисфи занони синни 15-49 сола, ки дар тадқиқот иштирок намуданд, соҳиби манзили хусусӣ ё якҷоя мебошанд, аммо танҳо 29% занон соҳиби замини худ мебошанд. Камтар аз нисфи занон, ки дар ақди никоҳ мебошанд (43%), дар қабул намудани ҳар як сеюм қарор мустақилона ё якҷоя бо шавҳараш вобаста ба ғамхории саломатии худ, хариди асосӣ барои хона, инчунин боздиди оила ё хешовандони худ иштирок менамоянд.

Самти фаъолият вобаста ба маҳкумшудагон ва шахсоне, ки аз маҳбас озод мешаванд, низ муҳим мебошад, чунки ба назардошти маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии нисбат ба соли гузашта нишон медиҳад, ки шумори ҷиноятҳои вазнин аллакай дар семоҳаи аввали соли 2014 ба 30,3% зиёд шудааст ва дар натиҷа шумораи маҳкумшудагон дар маҳбасҳо зиёд мешавад. Ин гурӯҳ бо сабаби дар муддати дароз ҷудо будан аз ҷомеа на ҳамеша дастрасӣ ба маълумоти дақиқ оиди пешгирӣ ва ҳифзи саломатӣ, хизматрасониҳои дастрас ва тартиби роҳхатномаӣ баъди озодшавӣ аз ҷойҳои аз озодӣ маҳрум дорад.

Тоҷикистон яке аз 27 давлати ҷаҳон, ки шумораи баланди бемории сили мутобиқгашта дорад, ва ҳамчунин 18 давлати афзалиятнок оиди бемории сил дар минтақаи Аврупоии ТУТ мебошад. Дар соли 2011 бо нишондоди ТУТ тахмин 1100 нафар аз бемории сил фавтидааст, ки ин 16 нафарро ба 100 ҳазор аҳолӣ ташкил медиҳад. Сатҳи ошкор намудани бемории сил паст мебошад - ба ҳисоби миёна танҳо 47% беморони сил дар системаи тандурустӣ давлат муайян шудааст. Дар соли 2012 бо нишондоди ТУТ 6929 ҳолатҳои нав дар Тоҷикистон ошкор шудааст, ки ин ба 86,5 ба 100 ҳазор аҳолӣ баробар мебошад.

Ҳамаи нишондодҳои зикршуда, ки дар асоси далелҳо мебошанд, онро нишон медиҳанд, ки чорабиниҳои пешгирикунанда, фаъолиятҳои омӯзишӣ, пешкаш намудани хизматрасониҳои баландсифати дастрас ва ташаккули тартиботи роҳхатномаӣ оид ба масъалаҳои соҳавӣ бояд фаъолиятҳои муҳимтарини Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» дар солҳои оянадаи 2014-2016 бошанд.

## III. Вазифа

«СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ буда, дар самти беҳтар намудани саломатии гурӯҳҳои асосии аҳолие, ки хатари сирояти ВНМО доранд, фаъолият мекунад.

Ташкилот ба беҳтар намудани саломатии инсон мусоидат намуда, ба васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустии ҷамъиятӣ оиди пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин нисбати ВНМО, бемории сил, гепатитҳо ва инчунин, таъмини саломатии шахвонӣ ва репродуктивӣ кӯшиш мекунад.

Ташкилот барои ноилшавӣ ба ин:

- ҳуқуқҳои гурӯҳҳои асосии аҳолиро ба саломатӣ ҳимоя мекунад;
- хабардоршавии аҳолиро афзуда, муҳити мусоид ва дастгирикунандаро фароҳам меорад, ки ба ҷиҳати пастравии дараҷаи тамғазании гурӯҳҳои асосии аҳолӣ бо хавфи зиёди сироятшавӣ аз ВНМО имконият медиҳад;
- стратегияҳои пешрафтаи рушди тарзи ҳаёти солимро истифода мебарад.

## IV. Тарзи кор

Хусусияти *AFEW* ин барномаи кӯмаки иҷтимоии гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, ки самаранокии он исбот шудааст, мебошад. Кӯмаки иҷтимоӣ (Case Management) – ин технологияи ёрирасон барои ҳалли (ё пешгирии) масъалаҳои тиббӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ ба шахсоне мебошад, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд. Кӯмаки иҷтимоӣ метавонад дар табобати беморони мубталои бемориҳои гуногун, шахсони имконияташон маҳдуд, инчунин шахсоне, ки хилофи қонун рафтор кардан ва дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум мебошанд истифода бурда шавад.

## V. Фаъолият дар минтақаҳо

Дар айни замон, «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» дар 15 шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Ташкилот ба васеъ намудани минтақаҳои татбиқи лоиҳаҳои мақсаднок ва чорабиниҳое, ки ба таъмини дастрасии ҳамаҷонибаи универсалӣ ба хизматрасонӣ барои аҳолии асосӣ равона шудаанд, кӯшиш менамояд.

## VI. Барои кӣ мо кор мекунем. Баҳрабарандагони лоиҳа

Дар давоми се соли оянда, фаъолияти Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» ба қонеъ гардонидани талаботи тиббию иҷтимоӣ ва ҳуқуқии гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, ки хатари баланди сирояти ВНМО доранд, равона карда мешавад.

***Гурӯҳҳои асосии аҳолӣ*** аз нуқтаи назари равиши паҳншавии эпидемия ва нуқтаи назари чорабиниҳои ҷавобӣ ба эпидемия инҳоянд - истеъмолкунандагони маводи мухаддири тазриқӣ, кормандони шаҳвонӣ, шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, маҳкумшудагон ва шахсони аз ҷойҳои маҳрум аз озодӣ озодшуда, мардоне, ки бо мардон алоқаи ҷинсӣ доранд.

Афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни мардон вазифаҳои иҷтимоии занонро, ки низ зиёдтар осебпазир ва маҳдуд нисбати дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосии тандурустӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, зиёд мекунад. ***Занон***, дар сурати набудани мардон, ба зиммаи худ ӯҳдадориҳоро оиди рӯзгор ва таҳсили кӯдакон мегиранд. Дар ин вазъият, занон диққати худро ба саломатӣ ва рушди шахсӣ ҷалб намекунанд. Аз ин лиҳоз, Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» диққати махсусро ба масъалаҳо вобаста ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занони осебпазир равона мекунад.

## VII. Мо дар оянда чӣ кор мекунам. Афзалиятҳо

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» барномаҳои пешгирӣ, нигоҳубин ва дастгириро барои гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, ки самаранокии худро исбот намуданд ва ба шароитҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд, амалӣ менамояд. Барномаҳои зеринро Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» дар се соли оянда амалӣ менамояд:

- ***Ворид намудани хизматрасониҳои Кӯмаки иҷтимоӣ ба шабакаи тиббии умумӣ***

*Кӯмаки иҷтимоии пешгирикунанда* - ба пешгирии бемориҳои сироятии аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим дар байни истеъмолкунандагони маводи мухаддир, кормандони шаҳвонӣ ва занҳои осебпазир равона шудааст. *Кӯмаки иҷтимоии дастгиркунанда* - ба дастгирӣ ва нигоҳубин ҳангоми сирояти ВНМО, пешгирӣ ва ташхиси саривақтии бемориҳои оппортунистӣ дар байни шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, таъмини табобати зиддиретровирусӣ равона шудааст. *Кӯмаки иҷтимоии дар даврai озодшавӣ* (Барномаи «СТАРТ Плюс») - ба пешгирии бемориҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим дар байни маҳкумшудагон, пайравӣ ба табобат ва ҳамгироии иҷтимоии собиқ маҳкумшудагон равона карда шудааст.

- ***Ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ***

Корҳои санитарӣ ва таълимӣ дар байни маҳкумшудагон. Назорати сироятӣ. Омӯзиши кормандони тиббӣ ва ғайритиббии муассисаҳои ислоҳӣ. Кӯмаки иҷтимоӣ дар даврai озодшавӣ (Барномаи «СТАРТ Плюс»).

- ***Паст кардани зарар аз истифодабарии маводи мухаддир тазриқӣ***

Пешгирии ВНМО, бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда, гепатитҳо ва меъёри зиёд дар байни нашъамандони тазриқӣ. Барқарорсозии иҷтимоии ғайритиббӣ, касбомӯзӣ ва бо кор таъмин намудани нашъамандон.

- ***Солимии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ ва танзими оила***

Пешгирии ВНМО ва бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда. Танзими оила, солимии шаҳвонӣ ва репродуктивии занҳои осебпазир.

## VIII. Ин чӣ тавр амалӣ карда мешавад. Намуди хизматрасониҳо.

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» диққати хосро ба устувории технологияҳои ҷоринамуда ва таъмини хизматрасонии пайдарпай барои гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, ки хатари зиёди сирояти ВНМО доранд, ҷалб менамояд. Барномаҳои Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» панҷ усулҳои алоқамандро дар бар мегиранд:

- Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои баҳрабарандагони лоиҳа;
- Баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- Пешниҳод намудани хизматрасонии бевосита ба баҳрабарандагони лоиҳа;
- Ворид намудани хизматрасониҳо ва устувории хизматрасониҳо;
- Баланд бардоштани огоҳёбии аҳолӣ бо назардошти баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии наздикони баҳрабарандагони лоиҳа.

***Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои баҳрабарандагони лоиҳа***

- Ташкили маъракаҳо дар воситаи ахбори умум (ВАО);
- Чорабиниҳои тарғиботӣ бахшида Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди СПИД, Рӯзҳои байналмиллалии ёдбуди фавтигон аз СПИД ва мубориза бар зидди сӯистеъмоли маводи мухаддир ва гардиши ғайриқонунии он.

***Баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ***

- Ташкили тренинг ва семинарҳои омӯзишӣ;

- Курсҳои омӯзишии дистансионӣ ва кӯмаки барномавӣ дар маҳалҳо;
- Пешниҳоди машварати электронӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии платформаи электронии ташкилот (www.afew.tj);
- Коркард ва ҷорӣ намудани дастурҳо ва дастурамалҳо барои мутахассисон барои ташкили хизматрасониҳо;
- Арзёбии барномаҳо ва баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо.

***Пешниҳод намудани хизматрасонии бевосита ба баҳрабарандагони лоиҳа***
- Хизматрасониҳои Паст кардани зарар ва Кӯмаки иҷтимоӣ;
- Ташкили омӯзишҳои кӯтоҳмуддат оид ба пешгирии бемориҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим, солимии шаҳвонӣ ва репродуктивӣ, пайравӣ, нигоҳубин ва дастгирӣ;
- Хизматрасонӣ оид ба пайравӣ ба табобат, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ;
- Коркард ва нашри маводи айёнӣ, иттилоотӣ ва пешгирикунанда;
- Маводи тарғиботӣ ва хотиравӣ.

***Ворид намудани хизматрасониҳо***
- Вохӯриҳои корӣ ва ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ;
- Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои паст кардани зарар ва кӯмаки иҷтимоӣ дар шабакаи тиббии умумӣ;
- Ҷорӣ намудани арзёбии ҷамъиятии барномаҳои пешгирии ВНМО;
- Ҷорӣ намудани Усули Нигоҳубини Мунтазам дар таҷрибаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

***Баланд бардоштани огоҳёбии аҳолӣ бо назардошти баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии наздикони баҳрабарандагони лоиҳа***
- Чорабиниҳои санитарию омӯзишӣ ва иттилоотӣ дар байни аҳолӣ;
- Коркард ва нашри маводи айёнӣ, иттилоотӣ ва пешгирикунанда;
- Фаъолияти ҳавасмандсозию машваратӣ бо наздикони баҳрабарандагони лоиҳа.

## IX. Афзалиятҳо барои даврai гузариш

- Таъмини фаъолияти системаи дохилӣ.

Мутобиқгардонии сиёсат ва расмиёт, ки фаъолият, назорати сифат ва арзёбии фаъолиятҳои барномавӣ ва маъмурию молиявии ташкилотро таъмин менамояд.

- Пешниҳод ва шинохташаваии ташкилот.

Коркард ва ҷорӣ намудани воситаҳои тарғиботии (vizibiliti) фаъолиятҳои ташкилот, пешрафти платформаи электронии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон», истеҳсол ва тақсими маводи тарғиботӣ ва хотиравӣ.

- Беҳтар намудани симои ташкилот ва васеъ намудани ҳамкорӣ.

Тарғиботи намуди хоси ташкилот, ки ба сифатнокӣ, вазифашиносӣ ва ба ҳамкории равшан ва баробардараҷа ишора менамояд. Муаррифӣ ва пешрафти манфиатҳои Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ.

- Таъмин намудани устувории молиявии ташкилот.

Чорабиниҳо оид ба ҷалб намудани маблағгузорӣ, амалӣ намудани усули даромаднок ва хизматрасониҳои бевосита. Кушодани шӯъбаҳо/намояндагиҳои ташкилот дар маҳаллҳо, ки хизматрасониҳои бевоситаро ба истифодабарандагони лоиҳа пешниҳод менамоянд.